# ТАҚРИЗ

**ба фишурдаи рисолаи номзадии Раҳматуллоева Гулханда Абдуллоевна таҳти унвони «Муносибатҳои гендерӣ дар фолклори маросимии занҳои Бадахшон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ.**

Бояд қайд кард, ки тавлиду инкишоф, тағйирёбӣ ва устувории фолклор дар чаҳорчӯби анъана ба вуҷуд меояд ва он аз хусусияти барҷастаи фолклор ба шумор меравад. Масъалаи омӯзиши муносибатҳои гендерӣ ва нақши занон дар фолклори маросимии занҳои Бадахшон дар асоси назарияҳои муҳаққиқони фолклор ба таври махсус таъкид гашта, ҳамзамон ҷустуҷӯ ва ҷамъоварии матнҳои фолклорӣ аз забони гӯяндагон ва инъикоси онҳо аз ҷониби муаллифи рисола дар фолклор баррасӣ шудааст.

Аз таҳлили фишурда маълум аст, ки рисола аз муқаддима, се боб, хулоса, номгӯи гӯяндагон, ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Унвонҷӯ дар боби аввал омӯзиши муаммоҳои гендерӣ дар фолклор ва муайян намудани нақши занон дар офариниш, ҳифзу нигоҳдорӣ ва такмили осори мардумӣ мавриди пажӯҳиш қарор додааст. Дар фолклоршиносии тоҷик то ҳол ин масоил мавриди баррасии алоҳида қарор нагирифтааст ва дар тадқиқоти илмӣ аз ҷониби муаллиф ин навгонӣ ба ҳисоб меравад.

Дар боби дуюм унвонҷӯ пайдоиш ва рушди фолклори маросимии занонро таҳқиқ намуда, муайян намудани мавқеи занҳо - гӯяндагон, иҷрокунандагони сурудҳои маросимиро муфассал таҳлил намудааст.

Дар боби сеюм муаллиф мушоҳидаи нақшу мавқеи занҳои ҳунарманду боистеъдодро зарур дониста, ҳифзу нигоҳдорӣ, иҷро ва интиқоли осори фолклории ду навоҳӣ шуғнону рӯшонро дар ин қисмати кор баррасӣ намудааст.

Таҳлилҳои унвонҷӯ нишон медиҳанд, ки ӯ доир ба мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши он ва пажуҳиш аз маълумотҳои донишмандони ин соҳа Р. Амонов, В. Асрорӣ, Р. Д. Обидов, Аҳмадов, Б. Шермуҳамадов, Ф. Зеҳниева, Р. Раҳмонов, Н. Муродӣ, Ш. Умарова, Ҳ. Тавакалов, Д. Раҳимов, В. Охониёзов, Н. Шакармамадов ва дигаронро омӯхта, истифода намудааст.

Диссертант бештар кӯшидааст, ки мавқеи осори фолклориро дар маросимҳои халқӣ, бо мисолҳои овардааш, ки аз гӯяндагони мардумӣ ҷамъ намудааст таҳлил намояд ва то ҷое ба мақсад ноил гардидааст.

Аз матни фишурда бармеояд, ки диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ навишта шудааст.

Бо вуҷуди муваффақиятҳои зиёд баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ишораи баъзе аз онҳоро зарур донистем.

1. Ҳарчанде, ки занони тоҷик, ба вижа занони Бадахшон соҳиби ҳунари ғанӣ мебошанд, дар замони муосир дар натиҷаи табаддулоти гуногунсоҳа ва рушди ҳаёти ҷомеа ба тағйиротҳои зиёд рӯ ба рӯ

мебошад. Диссертантро лозим аст, ки чанд нуктаро оид ба ин масъала зикр намояд.

2. Аз ҷониби ташкилот ва муассисаҳои хориҷӣ бо Вазорату кумитаҳои давлатӣ роҷеъ ба масоили гуногуни гендерӣ мунтаззам семинару конференсия ва мизҳои мудаввар гузаронда мешавад. Дар ин замина диссертант метавонад аз натиҷаи онҳо дар рисолаи илмӣ нуктаҳо ва вижагиҳои асосиро таҳлил намояд.

3. Дар матни фишурда баъзан ғаллатҳои имлоиву техникӣ низ роҳ ёфтаанд.

Камбудиҳои дар автореферат ҷойдошта ҷузъӣ буда, қиммати илмии онро кам намекунанд. Диссертатсияи Раҳматуллоева Гулханда таҳти унвони «Муносибатҳои гендерӣ дар фолклори маросимии занҳои Бадахшон» кори анҷомёфта буда, ба талаботи рисолаҳои номзадии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст. Муаллифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ сазовор мебошад.

**Котиби илмии**
**Институти омӯзиши масъалаҳои**
**давлатҳои Осиё ва Аврупои**
**АИ ҶТ номзади илмҳои филологӣ** **Шозиёева Г. П.**

**Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33;**
**Тел: 221- 05- 72, моб.: (+992) 93-547-78-93**
**E-mail: dr.shoziyoevag@gmail.com**

**Имзои Шозиёева Гулмо Парвонашоевнаро тасдиқ мекунам:**

**Нозири калони кадри**
**Институти омӯзиши масъалаҳои**
**давлатҳои Осиё ва Аврупои**
**АИ ҶТ** **Шозедов Х.Н.**

ШУЪБАИ КАДРҲО

**Суроға: 734025, Ҷумхурии Тоҷикистон,**
**ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33;**
**Тел: 221- 03 - 40, моб.: 938-80- 84-64**
**E-mail: khurshed_007@mail.ru**